Consultant Audit

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРИИ МУСТАҚИЛ

**БА ШӮРОИ НОЗИРОНИ<br>ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ<br>ШАХСОНИ ВОҚЕӢ**

*Сарсухан*

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ *(минбаъд дар матн- «Хазина»)*, ки ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2019 ва ҳисоботҳои дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағиротҳои сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом мерасад ва инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳоро нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад, ба итмом расонидем.

***Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ***

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти *Хазина* вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохили ҷиҳати омодасозӣ ва пешниходи хисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои суиистифодабариҳои молиявӣ, хамчунин натиҷаи хатогӣ надоранд, интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори баҳисобгирӣ, инчунин татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок иборат мебошад.

***Масъулияти аудитор***

Вазифаи мо аз изҳори фикру ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои этики, инчунин ба нақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад талаб менамоянд. Аудит дар худ анҷом додани амалиётҳое, ки ба гирифтани далелҳои аудити нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарурӣ аз фикру ақидаи касбии аудитор асос мeёбад, ки аз он ҷумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатогиҳо асос мегирад. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохиларо аз рӯи омодасозӣ ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиётҳои аудитие, ки дар ҳолатҳои мазкур татбиқ мешаванд дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохила асос мeёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин баҳодиҳии умумиро бобати ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Мо чунин меҳисобем, ки аудити гузаронидаи мо асоси кофӣ ва боэътимод барои изҳори ақидаи мо мебошад.

*Ақидаи аудитор*

Ба ақидаи мо ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда вазъи ҳақиқии молиявии ташкилотро ба санаи 31-уми декабри соли 2019, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тули соле, ки дар санаи зикргардида анҷом дода шудааст мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос менамояд.

ш. Душанбе, 13 феврали соли 2020

Дустов Сафарбек

Директори
ҶДММ «Консултант Аудит»

**Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон**
**БМТ №0000017 аз 26 феврали соли 2019**